**Тақриз**
**ба диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи “Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба раванди сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар кишварҳои анъанавии Шарқ дар баробари омилҳои гуногун инчунин таъсири омилҳои этникӣ ба раванди сиёсии ҷомеа хеле зиёд аст. Чунин вазъро пеш аз ҳама, дар мисоли Афғонистон мушоҳида намудан мумкин аст. Яке аз сабабҳои асосии тӯл кашидани низоъҳои сиёсии Афғонистон аз омилҳои этникӣ ва оштинопазир будани муносибатҳои этникии ин кишвар вобаста мебошад. Чунин вазъиятро дар як қатор кишварҳои дигари шарқӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Мутаассифона аз чунин вазъият истифода намуда, кишварҳои абарқудрат барои амалӣ намудани мақсадҳои геополитикии хеш дар дохили чунин кишварҳо вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонанд. Бинобар ин, ҳама гуна масъалаҳои марбут ба таъсири омилҳои этникӣ ба раванди сиёсии ҷомеа дар илмҳои сиёсӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба раванди сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, мутобиқ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур на танҳо барои Афғонистон, ки тӯли чанд даҳсолаи охир ба оташи муноқишаҳои сиёсӣ кашида шудааст, аҳамиятнок мебошад, балки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ин давлат ҳамсарҳад аст, муайян намудани сабабҳои низои дохилии Афғонистон ва роҳу воситаҳои ҳалли онҳо хеле аҳамиятнок мебошад.

Вобаста ба муҳимияти омӯзиши мавзӯъ ҳаминро бояд қайд намоем, ки то ҳанӯз сабабҳо, хусусиятҳои таърихӣ ва заминаҳои сиёсии низоъҳои иҷтимоию сиёсии Афғонистон дар таҳқиқоти сиёсатшиносон ба таври лозима омӯхта нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дар заминаи анъанаҳои илмии олимони тоҷик анҷом дода шуда, дар он як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокшудаи муаллиф таҳия гардидаанд, ки барои дарки моҳияти равандҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаи Афғонистон ва махсусан барои таҳқиқи минбаъдаи низоъҳои сиёсию қавмии ин кишвар аҳамияти калони илмию назариявӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми таҳқиқоти анҷомёфта дар он ифода меёбад, ки муаллифи он омӯзиши масъалаи низоъҳои сиёсии

Афғонистонро бо дарназардошти вазъи геополитикии ҷаҳони муосир ва махсусан бо дарназардошти манфиатҳои геополитикии абарқудратҳои ҷаҳон анҷом додааст. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва махсусан хулосаҳои муаллиф имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои бевоситаи низоъҳои иҷтимоию сиёсии Афғонистон ба таври дуруст шарҳ дода шаванд.

Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло барои мукаммалгардонии системаи таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан барои Тоҷикистон хеле аҳамиятнок мебошад. Зеро дар он муаллиф дар заминаи таҳлили вазъияти воқеии Афғонистон як қатор мушкилиҳоеро нишон додааст, ки дар оянда низ барои кишварҳои минтақа метавонанд таҳдиди воқеӣ бошанд. Барои пешбинӣ ваояндабинии таъмини амнияти миллӣ андешаҳои мазкур хеле аҳамиятнок мебошанд. Воқеан ҳам Афғонистон ҳамчун кишвари ҷангзада ва минтақаи низоангез тӯли чанд даҳсолаи охир ба майдони ҳимояи манфиатҳои геополитикии бархе аз абарқудратҳои ҷаҳон табдил ёфтааст, ки чунин тамоюлот на танҳо барои амнияти Афғонистон, балки барои амнияти кишварҳои ҳамсоя, махсусан барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ хеле хатарнок мебошад. Таҳдиди воқеии ин гуна тамоюлот ва паёмадҳои манфии онҳо дар диссертатсия илман асоснок карда шудаанд.

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки низоъҳои қавмӣ ва мазҳабии Афғонистон фаъолтарин ва таъсиргузортарин низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ дониста мешавад. Чунин вазъияти низоӣ барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии бархе аз бозингарони ҷаҳонӣ хеле муҳим ба шумор рафта, воситаи таъмин намудани ҳузури онҳо дар минтақаҳои гуногуни олам ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, ҳалли низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ чӣ барои Афғонистон ва чӣ барои ҳамсоякишварҳо аҳамияти калони сиёсию стратегӣ дорад. Бо дарназардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки барои таъмини сулҳу субот дар Афғонистон, пеш аз ҳама, танзими муносибатҳои байниқавмӣ хеле зарур аст. Зеро барои бархе аз абарқудратҳои олам чунин минтақаи даргир ва низоъангез хеле аҳамиятнок буда, баланд намудани оташи ҷангу низоъ дар миёни низоъгарон манфиати хоҷагони хориҷӣ мебошад.

Айни замон дар Афғонистон низоъҳои қавмию мазҳабӣ, муносибатҳои оштинопазири пайравони анъанагароӣ ва модернистӣ яке аз фаъолтарин ва таъсиргузортарин низоъҳои сиёсию иҷтимоӣ мебошанд. Низоъҳои қавмӣ миёни чаҳор қавми бузурги Афғонистон: паштун, тоҷик, ҳазора ва узбек сурат мегиранд, ки дар чунин шароит омӯзиши низоъҳои қавмии ҷомеаи Афғонистон ва навъбандии онҳо хеле

муҳим ба шумор мераванд. Дар диссертатсияи мазкур ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни низоъҳои қавмӣ таваҷҷӯҳи махсус дода шудааст.

Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар сатҳи зарурӣ асоснок гардидаанд. Асоснокии нуктаҳои илмии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, бо методологияи таҳқиқот, ки дар сохтори мантиқии диссертатсия мушоҳида мегардад, инчунин ба воситаи методҳои илмии истифодашуда ифода намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, мукаммал будани нуктаҳои илмӣ бо адабиёти истифодашуда ва ҳуҷҷатҳои таҳлилгардида асоснок карда мешавад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот бевосита аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда бармеоянд. Муаллиф барои оне, ки воқеияти қавмии Афғонистонро нишон диҳад, масъалаи мазкурро аз мавқеи сохтори сиёсии давлат баҳогузорӣ намудааст. Бо ин мақсад ӯ сараввал ба омӯзиши сохтори федеративии давлат машғул гардида, ин масъаларо дар мисоли таҷрибаи давлатҳои ҷаҳонӣ таҳлилу баррасӣ кардааст ва бо ҷомеаи Афғонистон мавриди муқоиса қарор додааст. Муаллиф дар идомаи таҳқиқоти худ масъалаҳои қавмию этникии ҷомеаи Афғонистонро таҳқиқ намуда, таъсири онро ба низоми сиёсӣ ва раванди сиёсии ин кишвар нишон додааст. Барои хубтару беҳтар нишон додани воқеияти этникии Афғонистон инъикоси муносибатҳои оштинопазири этникии ин кишварро дар мисоли фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии бешумор ва таҳаммулнопазирии онҳо нишон додааст. Қисми дуюми таҳқиқоти муаллиф ба омӯзиши нақш ва мавқеи гурӯҳҳои этникии Афғонистон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ин кишвар, тақсими нуфуз ва ҳокимият дар байни қавмҳои мазкур машғул шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф бо методҳо ва методологияи таҳқиқот, бо маводи таҳлилгардида, адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда ва инчунин раднопазир будани мубрамияти мавзуъ асоснок карда мешавад. Адабиёти аз ҷониби муаллиф истифодашуда бо мавзуи таҳқиқот робитаи бевосита доранд. Методҳои илмии таҳқиқот низ дар илмҳои сиёсӣ ба таври васеъ истифода мегарданд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, равандҳои сиёсӣ, низоъшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои тадқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои илмӣ ва амалияи сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди

консептуалии равандҳои сиёсии кишварҳои Шарқ муҳим ба назар мерасанд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи раванди сиёсии Шарқи анъанавӣ, инчунин идоранамоии равандҳои мазкур хеле муҳим мебошанд. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти вазорату кумитаҳои дахлдор метавонанд истифода бурда шаванд. Дар хулосаи диссертатсия зимни натиҷагирии таҳқиқот тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот таҳия гардидаанд, ки он барои тақвияти равандҳои ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва таъмини амнияти минтақавӣ мусоидат менамоянд.

Дар диссертатсияи барои ташхис пешниҳодшуда объект ва предмети таҳқиқот ба таври дуруст интихоб гардидаанд. Мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои он возеҳу равшан мебошанд ва бо предмети таҳқиқот алоқамандии бевосита доранд. Мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди муаллиф гузошта шудаанд, пурра иҷро гардидаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсияи муаллиф 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин доир ба мавзуи таҳқиқотӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар ду конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дарҷ гардидаанд.

Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба раванди сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи бандҳои пешбинишуда мавҷуданд, номгӯи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда тибқи муқаррароти расмӣ таҳия шудаанд. Матни диссертатсия бо риояи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи пурраи таҳқиқотро дар бар мегирад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он бо ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, мувофиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба раванди сиёсии Шарқи анъанавӣ

(таҷрибаи Афғонистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, барои дарку фаҳми хусусиятҳои муҳимми муносибатҳои этникии ҷомеаи Афғонистон, сабабҳои сар задани низоъҳои сиёсӣ дар ин кишвар ва омилҳои хориҷию байналмилалии вазъи сиёсии минтақаи мазкур саҳми арзанда мегузорад. Диссертатсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарризи холис:
Номзади илмҳои сиёсӣ,
муаллими калони кафедраи
равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Абилов Собирҷон Абдураҳимович ____________________

Имзои Абилов С.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
Тавқиев Э. ____________________

Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.